«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ академик
__________ Салимӣ Н.Ю.
«___» ______________ 2019 с.

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр зери унвони “Хусусиятҳои луғавӣ-граммитикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович дар рафти омода намудани диссертатсия унвонҷӯ ва ассистенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ буд. Ӯ соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо тахассуси “забон ва адабиёти тоҷик” хатм кард.

Соли 2019 шаҳодатномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ ба ӯ дода шуд.

Роҳбари илмӣ – Мирбобоев А., мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин бароварда шуд:

Диссертатсия дар сатҳи илмӣ-назариявӣ таълиф шуда, дар он бар пояи маводи фаровони забонӣ масъалаҳои мансуб ба мавзӯи таҳқиқ ба таври мушаххас, далелнок ва мантиқӣ баён гардидаанд. Дар он хусусиёти луғавӣ, семантикӣ ва грамматикии корбурди феълҳо дар “Таърихи Бухоро” ба сурати амиқ ва системавӣ баррасӣ гардидааст.

Мубрамияти таҳқиқ дар он ифода мегардад, ки хусусиятҳои луғавию грамматикии феълҳои матни тарҷумаи форсии рисолаи “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ то ба имрӯз ҳанӯз омӯхта нашудааст. Таърихи инкишофи забони форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад, ки феъл ҳамчун муҳимтарин ҳиссаи нутқ аз лиҳози луғавию грамматикӣ аз ҳама бештар дучори дигаргуниҳо шудааст, ки боиси тағйиру таҳаввули сохтор ва шакли забон гардидааст. Аз ин лиҳоз, барои инъикоси равандҳои сарфию наҳвӣ дар ҷараёни инкишофи забони мутуни классикии форсӣ-тоҷикӣ таҳқиқи осори бузургу арзишманди даврони куҳан, ки “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ дар радифи онҳо қарор дорад, амри зарурӣ маҳсуб мешавад.

Дар таҳқиқоти диссерттатсионӣ хусусиятҳои луғавию семантикии истеъмоли феълҳо, аз ҷумла сермаъноӣ, муродифот, мутазодҳо, ҳамгунҳо ва дараҷаи корбурди онҳо, ҳамчунин баромади онҳо мавриди таҳлилу баррасии дақиқ қарор гирифтааст. Диққати асосӣ ба сохти феълҳои асар равона шуда, хусусияти феълҳои содда, сохта ва таркибӣ ва унсурҳои калимасози онҳо дар ҷараёни таҳаввули феълҳо равона шудааст. Унвонҷӯ ба таври муфассал хусусиёти грамматикии феълҳоро баррасӣ карда, бар пояи маводи матн хусусиятҳои корбурди категорияҳои намуд, сиға ва замонро нишон дода, мухтассоти истеъмоли шаклҳои боқоидаю беқоида ва мондаю гузарандаи феълҳоро таҳлил намудааст.

**Дар диссертатсия масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд**:

- Сатҳи корбурди феълҳои содда, сохта ва таркибӣ дар матни тарҷумаи форсии рисолаи “Таърихи Бухоро”;
- Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии феълҳо дар матни асар;
- Инкишофи маъноҳои луғавии феълҳои нисбатан пуркорбурди асар дар ҷараёни рушди пасини забони адабии тоҷик;
- Таносуби корбурди феълҳои аслӣ ва иқтибосӣ дар матни асар;
- Хусусиятҳои истифодаи чунин категорияҳои грамматикӣ, мисли сиғаи дуо, шакли ҳикоягӣ бо “йо”-и ҳикоят дар асар истифода шудаанд, ки ҳоло аз истеъмол баромадаанд;

- Сохтори калимасозии феълҳо, муайян намудани дараҷаи маҳсулнокии пешвандҳо ва пасвандҳои калимасози феълӣ дар матни "Таърихи Бухоро";
- Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии феълҳои таркибӣ ва нақши онҳо дар инкишофи луғоти феълӣ бар мабнои матни асари таҳлилшаванда.

Ба сифати манбаи таҳқиқ матни нусхаи тарҷумаи форсии "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ, ки дар захираи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, ҳамчунин аз нусхаҳои дар Эрон ва Тоҷикистон чопшуда истифода шудааст.

Таҳлилу таҳқиқ дар диссертатсия бо усули синхронӣ сурат гирифта, дар мавридҳои лозимӣ аз усулҳои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва муқобалавӣ ва ҳамчунин таҳлили сохторӣ, луғавӣ-семантикӣ ва оморгирии забоншиносӣ истифода гардидааст.

Навигарии илмии рисолаи номзадӣ дар он аст, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик хусусиёти корбурди феълҳо дар яке аз осори арзишманди забони форсии дарӣ "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ ба сурати монографӣ таҳқиқу таҳлил мешавад. Хусусияти фарққунанда ва навгонии таҳқиқоти мазкур ҳамчунин дар он зоҳир мешавад, ки матни форсӣ-тоҷикии "Таърихи Бухоро" бори аввал мавриди таҳлили амиқ ва системаноки забоншиносӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои пажӯҳиши таҳаввул ва инкишофи низоми феъли забони тоҷикӣ ба сифати пояи назариявӣ ва амалӣ хидмат намоянд. Хулосаҳои илмӣ, пешниҳоду тавсияҳои унвонҷӯ доир ба ҷанбаҳои гуногуни проблемаи баррасишаванда метавонанд зимни пажӯҳиши хусусиёти дигари забонии "Таърихи Бухоро" ва ҳамчунин таҳлилу корбурди феъл дар соири осори хаттии илму адаби форсии классикӣ муфид хоҳад буд.

Арзиши назариявии диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки мавод ва натоиҷи таҳқиқоти анҷомшуда зимни тасвири низоми феъли забони тоҷикӣ, таърихи ташаккул ва инкишофи он, ҳамчунин пажӯҳиши давраҳои мушаххаси рушди забони тоҷикӣ муфид мебошад. Натоиҷи назариявии кори илмии мазкур

ҳамчунин барои нишон додани хусусиятҳои сохтори луғавию грамматикии феъл дар даврони оғозини ташаккули забони адабии тоҷикӣ ва муқоисаи он бо маводи забони осори қарнҳои пасини форсу тоҷик, бахусус бо маводи забони адабии муосири тоҷикӣ қобили истифода мебошад.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаи пажӯҳишро метавон зимни таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва тарҷумонӣ, луғати калимасозии забони тоҷикӣ, ҳамчунин ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабии тоҷикӣ истифода намуд. Мавод, хулосаҳо ва натоиҷи пешниҳодшуда, ки аз таҳқиқи масъала бармеояд, метавонанд дар таҳияи корҳои маҷмӯии илмӣ оид ба таърихи забони форсӣ ва тоҷикӣ ба таври васеъ ба кор раванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин дар раванди таълими забонҳои муосири тоҷикӣ ва форсӣ, зимни тадриси курс ва семинарҳои тахассусӣ, машғулиятҳои факултативӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Таҳияи диссертатсия дар мутобиқат ба нақшаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ сурат гирифта, мавзӯи таҳқиқот бо нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии дигар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамоҳанг шудааст.

Доир ба мавзӯи диссертатсия як монография ва беш аз 10 мақолаи илмӣ, ки аз он 8-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Матолиби умдаи диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои назариявӣ ва мизҳои гирде, ки дар донишгоҳҳо ва дигар марказҳои илмии Тоҷикистон баргузор шудаанд, ироа гардидаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашршуда ба қарори зайланд:

1. Раҳмонов Б. Феълҳои таркибӣ дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/2. С. 69-74.
2. Раҳмонов Б. Доир ба як ҷанбаи муносибати мубтадо ва хабар дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/3. С. 61-67.

3. Раҳмонов Б. Қолибҳои иқтибосии феълҳои муҷарради арабӣ дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2014, - № 4/4. С. 69-77.
4. Раҳмонов Б. Баъзе ҷанбаҳои назариявии категорияи замон дар забоншиносӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2015, - № 4/1. С. 76-79.
5. Раҳмонов Б. Ҷузъҳои шаклсози дастурӣ дар феъл (дар асоси маводи “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2015, - № 4/2. С. 49-57.
6. Раҳмонов Б. Маҳдудаи сохторӣ ва маъноии феълҳои ёвар (дар асоси маводи “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 4. С. 78-86
7. Раҳмонов Б. Хусусиёти маъноӣ ва шаклии феълҳои ҳамкард (дар асоси маводи “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ) / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 5. С. 82-87
8. Раҳмонов Б. Мутобиқати шахсу шумораи феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ / Б. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллӣ, серияи филологӣ. – 2017, - № 6. С. 112-119.

Диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович таҳти унвони “Хусусиятҳои луғавӣ-граммитикии феъл дар “Таърихи Бухоро”-и Наршахӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ қабул шудааст.

Дар ҷаласа ҳузур доштанд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ “ҷонибдор” 16 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест, суратҷаласаи № 6 аз «28» январи соли 2019.

E-mail: nurkhon00@inbox.ru
Тел.: + 992985380054

Раисикунанда: Гадоев Нурхон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Имзои Гадоев Нурхонро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон